# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи Азизова Зарина Шавкатовна дар мавзуи “Муқосаи вижагиҳои грамматикии зарбулмасал ва мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).**

Диссертатсияи **Азизова Зарина Шавкатовна** ба таҳлили муқоисавии вижагиҳои грамматикии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст. Ҷамъиятро бе забон тасаввур кардан мумкин нест. Дар ҷомеаи муосир ягон соҳаи фаъолияти инсон вуҷуд надорад, ки дар он воситаҳои забонӣ барои ифодаи фикрҳо, қоидаҳо, эҳсосоти шахс истифода нашаванд. Забон, ки муҳимтарин воситаи муоширот аст, ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги миллӣ мебошад. Маҳз забон воситаест, ки шахсро бо ҷомеа мепайвандад. Дар он имрузу гузашта, вазъи илму хиради халқ инъикос ёфтааст.

Зарбулмасалу мақол, яке аз намудҳои фолклор буда, аз замонҳои қадим дар робитаи зич бо дигар зуҳуроти ба ҳам монанди жанри бадей, масалан, панд, муаммо, латифа, масал, чорбайта ва ғайра инкишоф ёфтааст.

Инсоният дар тӯли солҳои дуру дарози мавҷудияти худ дар асоси таҷрибаи мушаххаси ҳаётии худ миқдори зиёди зарбулмасалу мақолҳоеро офаридааст, ки тадриҷан дар байни мардум паҳн шудаанд. Ҳамин тавр, таҷрибаи чандинсолаи инсонӣ дар зарбулмасалу мақол ниҳон аст.

Бо баробари ташаккули миллат ва инкишофи миллӣ, худшиносии синфӣ, мустаҳкам шудани муборизаи синфӣ, табадуллоти ҷамъиятӣ – сиёсӣ, рушди маданияти миллӣ, андешаҳои бадеӣ ва илмӣ инкишоф ёфтаанд. Дар ин радиф фолклоршиносӣ низ ҳамчун илми мушаххас оид ба намунаҳои таҳаввули фарҳанги бадеии шифоҳии омма рӯй ба инкишофу тараққӣ ниҳодааст. Бо баробари омӯзиши дигар намудҳои санъати мардумии назм, ба омӯзиши яке аз кӯҳантарин ва машҳуртарин жанри фолклор – зарбулмасалу мақолҳо, ки бо дақиқии аҷиб моҳияти зуҳуроти хеле мураккабро ифода мекунанд, диққати махсус дода шудааст. Дар натиҷа соҳаи мустақили филология – паремиология, ки ба таҳияи масъалаи намунаи жанрҳои афористии фолклорӣ – зарбулмасалҳо, мақолҳо, афоризмҳо машғуланд, ба вуҷуд омад.

Зарбулмасалу мақолҳо яке аз навъҳои фолклор буда, аз давраҳои қадим зуҳур намуда, бо дигар жанрҳои адабӣ ба монанди панд, чистон, латифа (анекдот), масал, рубоӣ дар тамоси наздик инкишоф ёфтаанд.

Тули арзи ҳастии худ инсоният дар асоси таҷрибаи аниқи зиндагӣ зарбулмасалу мақолҳои зиёдеро офаридааст, ки он тадриҷан байни мардум паҳн гаштааст.

Дар ин маврид андешаҳои М.А. Шолоховро ба ёд овардан ҷоиз аст, ки мегӯяд: "Бузургтарин боигарии халқ ин забон аст. Дар давоми ҳазорсолаҳо сухан, ҳамчун дур ва махзани абадӣ хизмат мекард, ки дар он доимо фикру андеша ва таҷрибаи инсоният ҷамъ мешуданд".

Тадқиқотҳои садаҳои XX-XXI илми забоншиносӣ, пешрафти он боиси инкишофи яке аз ҷузъҳои илми фразеология – паремиология гардид. Паремиология калимаи юнонӣ буда, маънои «зарбулмасал, панд, масал, ҳикмат»-ро дорад, яъне метавон гуфт, ки объекти тадқиқоти ин соҳа зарбулмасалу мақолҳо мебошад.

Таҳқиқоти анҷомдодаи **Азизова Зарина Шавкатовна** аз ҷиҳати илмӣ арзишманд буда, муқоисаи сохтори грамматикии зарбулмасалу мақолҳоро дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи забоншиносии муқоисавӣ дар бар мегирад. Мавзуи дар диссератсия мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, ба рушди забоншиносӣ, забоншиносии муқоисавӣ. Паремиология ва фразеология таъсири мусбат расонида метавонад. Солҳои охир дар забоншиносӣ олимон – забоншиносон ба тадқиқоти муқоисавӣ - типологӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, тадқиқотҳо бо истифода аз методологияи типологии муосир коркард шуда истодаанд.

Диссертатсияи мавриди назар аз муқаддима се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия муаллиф муҳимияти интихоби мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, заминаҳои эмпирикӣ, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ кардааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) комилан мувофиқ мебошад.

Муаллиф вобаста ба кори таҳқиқотӣ 11 мақола, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд ба табъ расонидааст, ва 7 мақолаи дигар дар маводи конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба табъ расидааст, ки дар маҷмуъ натиҷаҳои асосӣ ва хулосаҳои муҳаққиқро инъикос намуда, ба мазмун ва муҳтавои диссератсия бевосита алоқаманд мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» мувофиқат менамоянд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи диссертант фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад.

Дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳвари зикрёфта, дурнамои мавзӯи кори диссертатсионӣ дар хулосаи мазкур таъйин шудааст. Мубрамии мавзи таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, коммиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Азизова Зарина Шавкатовна дар мавзӯи "Муқоисаи вижагиҳои грамматикии зарбулмасал ва мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи **Азизова Зарина Шавкатовна** дар мавзуи "Муқоисаи вижагиҳои грамматикии зарбулмасал ва мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат мекунад, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Парвонахон Ҷамшедов -** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

- **Азизова Мастона Ҳамидовна**– номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони хориҷии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор Каримов Шуҳрат
аъзои Шурои диссераттсионӣ Бозорович

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент, Матробиён Саодатшо
аъзои Шурои дисссертатсионӣ Қосимзода

номзади илмҳои филологӣ, дотсент, Джамирова Леммара
аъзои Шурои диссертатсионӣ Иосифовна

«23» ноябри соли 2023

Имзоҳои Ш.Б. Каримов, С.Қ. Матробиён
ва Л.М. Джамирова-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

**Нишонӣ: 734019,** ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи
С. Улуғзода Тел.:+992 372325000, Факс: +992 372325003,Сомона: www.ddzt.tj